ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шарипов Маҳмадкарим Маҳмадсалимович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Шарипов М.М. фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ мебошад, ки дар марҳилаи кунунӣ мубрамияти ба худ хосро пайдо намудааст. Зеро, баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули Кодекси ҷиноятии ҶТ соли 1998 ришвадиҳии тиҷоратӣ ҳамчун ҷиноят бори аввал мавриди криминализатсия қарор гирифт. Аз ин рӯ, дар тули зиёда аз 30 соли марҳилаи рушди давлатдории миллӣ, то ба ҳол таҳқиқоти маҷмуӣ, ба хусус, ба забони давлатӣ оид ба падидаи мазкур анҷом наёфтааст. Чунин ҳолат зарурати омӯзиши бештари ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратиро ба вуҷуд овард ва рисолаи илмии мазкур низ, маҳз ба ҳамин самт равона гардидааст.

Ҳамчунин, бояд зикр кард, ки дар замони муосир қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати яке аз воситаҳои муҳимми танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҷовузҳои ҷинояткорона ҳифз менамояд. Аз ин рӯ, таҳлили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ришвадиҳии тиҷоратӣ боиси он мегардад, ки мушкилоти ҷойдошта дар ин бахш бартараф гардида, бо ин роҳ ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат мавриди ҳифз қарор мегирад.

Дар баробари ин, рушд ва инкишофи кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва баробарҳуқуқии иқтисодӣ дар кишвар ба созмон додани асосҳои иқтисодиёти миллии пешрафта мусоидат менамояд, ки

ин раванд, кишвари моро ба шоҳроҳи пешрафту тараққиёти соҳаҳои гуногун равона сохта, барои таъмини ҳадафҳои давлати иҷтимоӣ замина мегузорад. Аммо, мутаассифона дар ҷомеа падидаҳое ба мисли ришвадиҳӣ, ришваситонӣ ва дигар кирдорҳои ба ин монанд, ки манфиатҳои иқтисодии шаҳрвандон, ҷомеа ва давлатро поймол месозанд, ба миён омада, монеи рушди бемайлони соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар кишвар шуда, эътимоду боварии мардумро ба фаъолияти пурсамари мақомоти давлатӣ коста мегардонанд. Дар ҳамин асно, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Мақлиси Олии ҶТ таъкид намуданд, ки ришвадиҳӣ ва ришваситонӣ дар ҳар шакл ва дар ҳар зинаи мақомоти давлатӣ ё субъектҳои хусусӣ, ки сурат гирад, пеш аз ҳама нуфузу эътибори давлат ва хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар миёни халқ паст мекунад. Ҳамчунин, Пешвои миллат дар Паёми худ ба Мақлиси Олии ҶТ санаи 26 январи соли 2021 қайд намуданд, ки коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад. Бинобар ин, мубориза бар зидди ин ҷиноят бояд яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ташкил диҳад. Зикр намудан ба маврид аст, ки барои мубориза бурдан ва истодагарӣ намудан бо зуҳуротҳои манфии ҷомеа, аз ҷумла ҷиноятқорӣ заминаҳои илмию назариявӣ зарур аст. Барои фароҳам овардани ин гуна заминаҳо ба амал баровардани таҳқиқотҳои илмию назариявӣ кумак мекунанд. Аз ин рӯ, рисолаи мазкур барои ҳалли масъалаҳои дар боло зикршуда равона гардидааст.

Тавре ки қайд гардид, барои ришвадиҳии тиҷоратӣ аввалин маротиба дар Кодекси ҷиноятии ҶТ соли 1998 ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардида аст. То ин замон, дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ танҳо таркиби ҷинояти додану гирифтани пора ва миёнаравӣ дар порадиҳӣ муайян буд, ки ришвадиҳии тиҷоратӣ ба он айнияти дода мешуд. Маҳз

мафҳуми ришвадиҳии тиҷоратӣ мутобиқан дар заминаи мафҳуми додан ва гирифтани пора ба вуҷуд омадааст, ки ин дар хусуси айнияти таркибҳои мазкур низ шаҳодат медиҳад. Бинобар ин, ришвадиҳии тиҷоратӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ падидаи нав буда, таҳқиқи ҳамаҷонибаи назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалиро талаб мекунад.

Дар маҷмуъ, ин омилҳо аз мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат медиҳанд.

Ҳамчунин, аз таҳлил ва баррасии диссертатсияи Шарипов М.М. чунин хулоса намудан мумкин аст, ки он дар ҳамбастагӣ бо омӯзиши таҷрибаи судӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ ба анҷом расида, диссертант мушкилиҳоеро, ки ба рушди падидаи мазкур дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа, монеа эҷод мекунанд, ошкор намуда, пешниҳодҳо ва тавсияҳои мушаххаси илман асоснокро ироа менамояд.

Гуфтаҳои болозикр бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар замони имрӯза омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ мубрам буда, саривақтӣ будани таҳқиқоти диссертатсионии диссертантро исбот менамоянд.

2. Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани мушкилоти таҷрибаи судӣ дар ин самт ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бинобар ин, қайд намудан имконпазир аст, ки диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои

ҳуқуқшиносӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд 62 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Шарипов М.М. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Шарипов М.М. маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Шарипов Маҳмадкарим Маҳмадсалимович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович

- номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва методикаи таълими они Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Зокирзода Зафар Хайрулло

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,

аъзои Шурои диссертатсионӣ Азиззода У. А.

Аъзои комиссия:

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,

аъзои Шурои диссертатсионӣ Мирзамонзода Х.М.

Аъзои комиссия:

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Давлатзода К.Д.

Имзои подписи Азиззода У.А., Мирзамонзода Х.М., Давлатзода К.Д.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. (ило-подпись)

РАЕСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ